# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нав картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дарача илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия в тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзу “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка да шароити мавзеи Лахши водии Рашт” аз муқаддима, тавсифи умуми таҳқиқот, 6 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаи таҳқико иборат буда, ҳачми он бидуни замимаҳо 149 саҳифаи чопи компютер мебошад, ки дар он 29 чадвал, 22 диаграма ва дар замима санади воридот тухмӣ, санади татбиқи натича ва расмҳо аз рафти корҳои саҳрой тасви ёфтааст. Рӯйхати адабиёти дар кори диссертатсионӣ истифодагардида аз 17 номгӯй иборат буда, аз он 8 номгӯй аз сарчамаҳои хоричаи дур мебошад Диссертатсия ва автореферати Акрамов А.Х. дар асоси талаботҳо “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи оли атестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон аз 31.03.2022, № тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Кори диссертатсионии мазкур, мазмун диссертатсия ва автореферати он ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳи хусусияти навъии зироати картошка, чиҳати баҳо додани навъҳои нав интродуксияшуда бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селекси ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Картошка зироати бисёрсоҳаи а қадим истифодашаванда буда, дар низоми кишоварзии мо зироати нав ва таърихи парваришаш 120-130 солро дар бар мегирад. Ба ин нигоҳ накарда яке аз муҳимтарин зироати ғизоӣ эътироф гардида, ҳамчун нони дуввум дониста шуда, дар таъмини сабади истеъмолии аҳолӣ нақши созанда дорад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо агар меъёри физиологии истеъмоли картошка дар як сол ба як нафар аҳолӣ ба 92 кг баробар бошад, истеъмоли ҳақиқии он дар Чумҳурии Точикистон ба зиёда аз 110 кг ба як нафар дар як сол баробар аст. Бо назардошти ҳамин, чиҳати таъмин намудани аҳолии ҳар лаҳза афзояндаи чумҳурӣ, ҳамасола масоҳати майдони кишти ин зироат зиёд карда мешавад. Агар масоҳати майдони кишти ин зироат дар ҳама шаклҳои хочагидории чумҳурӣ дар соли 1991 ба 12,8 ҳазор га баробар бошад, ин нишондод дар соли 2022 ба 57,2 ҳазор га баробар гардида, суръати афзоиш 4,5 маротибаро ташкил намуда, асосан афзоиши истеҳсоли умумӣ аз ҳисоби афзоиши масоҳати майдони кишт таъмин карда шуда, ҳосилнокии картошка дар чумҳурӣ то имрӯз дар сатҳи паст боқӣ монд. Агар дар соли 2012

ҳосилнокии миёнаи картошка дар ҷумҳурӣ ба 233,2 с/га баробар шуда, дар соли 2013 ба 247,3 с/га баробар шуда бошад, аз соли 2017 ин ҷониб ҳисолнокии картошка дар ҷумҳурӣ камтар аз 193,2 с/га-ро ташкил намуда, дар соли 2021 ба 181,4 с/га ва дар соли 2022 ба 191,1 с/га боробар гардид, ки яке аз проблемаҳои асосии соҳа мебошад.

Дар ин росто Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими рушди картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ «Барномаи рушди соҳаи картошкапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2016”-ро татбиқ намуда, чандин барномаи дигари марбут ба рушди соҳаро қабул ва амалӣ намуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ҳосилнокии картошка дар ҷумҳурӣ дар сатҳи паст боқӣ монда, то имрӯз як қисме аз талаботи истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби воридоти картошка қонеъ гардида истодааст. Ҳалли мушкилоти сатҳи пасти ҳосилнокии картошка масъалаи актуалии илмию амалӣ буда, аз ин нигоҳ, кори диссертатсионии мазкур аҳамияти муҳими илмию амалӣ дошта, ба масъалаи мутобиқнамоии навъҳои нав ва афзун намудани ҳосилнокӣ нигаронида шудааст.

Муаллиф асоснок мекунад, ки дар афзун намудани истеҳсоли картошка, кишти навъҳои иқтидори баланди ҳосилнокӣ дошта ва сифати тухмии онҳо нақши калидиро иҷро менамоянд. Бо назардошти ин, муаллиф захираи муҳими минбаъд зиёд намудани ҳосилнокии картошкаро аз интрадуксияи навъҳои нави иқтидори баланди ҳосилнокӣ дошта, мебинад.

Муаллиф **мақсади таҳқиқотро** аз таҳқиқи хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка бо мақсади минбаъд истифода намудани он дар истеҳсолот мебинад. Дар ин асос, вазифаҳои таҳқиқотро дар 6 банди зерин гурӯҳбандӣ намуда, дар бобу зербобҳои минбаъдаи кори диссертатсионӣ равиши иҷрои вазифаҳо ва натиҷаҳои ба даст овардаашро баррасӣ менамояд:

- омӯзиши хусусиятҳои ботаникиву биологии навъҳои нави интродуксионии картошка;
- омӯзиши хусусияти инкишоф ва нашъунамои навъҳои нави картошка, ташаккулёбии нишонаҳои морфологии онҳо;
- муайян намудани маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои гуногуни картошка;
- муайян намудани алоқамандии нишонаҳои асосии навъҳои нави картошка;
- таъсири касалӣ ва ҳашаротҳои зараррасон ба нашъунамо ва ҳосилнокии навъҳои картошка;
- муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақаҳои кӯҳӣ.

Диссертант ба сифати объекти таҳқиқот 8 навъи нав интродуксияшаванда ва як навъи интродуксияшудаи селексияи хориҷиро

мавриди омӯзиш қарор дода, **навгонии кори диссертатсиониашро** аз он дидааст, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт дар асоси таҳқиқоти комплексӣ, омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксиониро ба роҳ монда, ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологӣ, алоқаманди байни аломатҳои гуногун, давомнокии давраи нашъунамо, устувори ба касаливу зарарасонҳо ва ниҳоят самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошкаро дар баландии 2100 м аз сатҳи баҳр, муайян кардааст.

Муаллиф **аҳамияти илмии таҳқиқотро** аз ассоноккунии раванди ташаккули аломатҳо ва минбаъд ҳосилнокии навъҳои нави итродуксионӣ ва вобастагии он ба омилҳои таъсиргузор дониста, **аҳамияти амалии онро** аз мутобиқгардонии навъҳои нав дар шароити кӯҳистон ва ба 30-40 т/га расонидани ҳосилнокӣ мебинад. **Аҳамияти иқтисодии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъро ба 161,6 % ва сатҳи фоидаро дар 1 га ба 58,38 ҳазор сомонӣ расонидааст, ки баландтарин нишондиҳанда дар шароити кӯҳистон мебошад.

Диссертант Акрамов А.Х. **нуктаҳои илми**и зеринро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

- хусусиятҳои агроэкологии минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт барои истеҳсол ва рӯёнидани ҳосили баланди навъҳои нави картошка;
- хусусиятҳои сабзиш, нашъунамо ва инкишофи навъҳои нави воридгардидаи картошка;
- баҳодиҳии умумӣ оид ба хусусиятҳои ташаккулёбии маҳсулнокии навъҳои картошка дар минтақаи кӯҳӣ;
- алоқамандии аломатҳо байни нишондиҳандаҳои биометрӣ, маҳсулнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисоди парвариши навъҳои нави картошка дар минтақаи кӯҳӣ, истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия.

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот Акрамов А.Х. 15 мақолаи илмӣ интишор кардааст, ки онҳо мазмуни асосии диссертатсияро таҷассум мекунанд, аз ин 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қисмати асосии мақолаҳои илмӣ бо ҳаммуалифӣ навишта шуда, 2 мақола бидуни ҳаммуалиф, аз тарафи диссертант ба нашр расидааст, ки яктои он дар маҷаллаи тақризшаванда мебошад. Интишороти муаллиф аз рӯйи ҳаҷм ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Боби 1-и** рисолаи диссертатсионии Акрамов А.Х. таҳлили адабиёт оид ба масъала буда, аз 4 зербоб иборат мебошад. Зербоби аввал “Таърихи пайдоиш ва аҳамияти картошка” ном дошта, аз 3 саҳифа иборат мебошад. Зербоби 2 низ бо ҳамин мазмун буда, “Таърихи пайдоиш ва парвариши

картошка дар Тоҷикистон” ном дошта, аз 8,5 саҳифа иборат мебошад, ки оид ба таърихи пайдоиш ва ташаккули картошкапарварӣ дар ҷаҳон ва минбаъд Тоҷикистон нақл мекунад. Зербоби 3 “Хусусияти ботаникию биологии картошка” ном дошта, бештар оид ба хусусиятҳои морфологии картошка баҳс намуда, баррасии хусусияти биологии картошка аз нигоҳи муаллиф дур мондааст. Зербоби 4 дар ҳаҷми 5 саҳифа буда, оид ба паҳлуҳои масоили селексионӣ баҳс мекунад. Дар ин қисмат нақшаи амаликунии корҳои селексионӣ аз қитъаи коллексионӣ то гирифтани тухмакҳои ботаникии дурагаҳо, мунтазам шарҳ дода мешавад, ки хусусияти масъалагузорӣ надошта, бештар тавсиявӣ мебошад. Бо ҳамин мазмун боби сарчашмаҳо хотима ёфта, хулосагирӣ намешавад.

**Боби 2** дар 3 зербоб оид ба хусусияти агрокимиёвии хок, шароити табиию иқлими минтақаи таҳқиқотӣ, методикаи гузаронидани таҷрибаҳо ва маълумотдиҳии объектҳои таҳқиқотӣ баҳс мекунад.

**Бобҳои минбаъдаи 3, 4, 5 ва 6** натиҷаи таҳқиқоти муаллиф буда, аз 75 саҳифа иборат мебошад, ки 50,3 %-и ҳаҷми умумии диссертатсияро ташкил менамояд. Аввал баҳси агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ ба миён гузошта шуда, маҷмуи чораҳои агротехникии дар майдончаи таҷрибавӣ амалишуда ҳам дар шакли ҷадвал ва ҳам дар шакли матн нақл мешавад. Минбаъд, махсусияти рушду нумӯи объектҳо, аз кишт то нешзании лундаҳо, аз нешзанӣ то муғҷабандӣ, аз муғҷабандӣ то гулкунӣ ва дар охир тамоми давраи нумӯъ, таҳқиқ гардида, навъҳои Першасвет, Палатс, Бриз ва Манифест ҳамчун навъҳои дар ин шароити иқлимӣ нисбатан тезпаз интихоб мегарданд, ки давраи нашъунамояшон 78-88 рӯзро дар бар мегирад. Дар қадами минбаъда, аломатҳои морфологии навъҳои картошка, аз ҷумла ташаккулёбии муғҷаҳо, шумораи гулҳо, баландии пояи асосӣ, дар давраи барои хонанда номаълум, баррасӣ мегардад. Дар ин қисмат диссертант кӯшиш намудааст, ки фарқияти аломатҳои омӯхташударо ба тағйирёбии ҳарорату боришоти солҳои омӯзишӣ алоқаманд баҳогузорӣ намояд. Қайд менамояд, ки бо назардошти хуб омадани солҳои 2020 ва 2022, миқдори муғҷаҳо, минбаъд гул ва баландии пояи асосӣ дар навъҳо хуб ташаккул ёфтааст. Ба сифати навъҳои сермуғҷаву гул навъҳои Вектар, Нера, Скарб ва ба сифати навъҳои қадбаланд навъҳои Вектар, Нера ва Палатс интихоб гардидаанд.

Ҳамчунин, масоҳати сатҳи барг, вазни тарри баргу поя, вазни реша ва ниҳоят вазни умумии навъҳои картошка дар майдон, дар давраи барои мутолиакунанда номаълум, барасӣ мешавад. Муаллиф ташаккули ин аломатҳоро низ бештар ба тағйирёбии ҳарорату боришоти солҳои омӯзишӣ алоқаманд баҳогузорӣ менамояд. Ба сифати навъҳои бештар масоҳати сатҳи барг пайдонамуда, навъҳои Нера, Вектар, Янка ва Скарб интихоб мешаванд. Ба сифати навъҳои бештар вазн захиракарда, навъҳои Нера, Вектар, Палатс

ва ба сифати навъҳои бештар вазни реша пайдо намуда, навъҳои Янка ва Палатс дониста шудаанд.

Дар қадамҳои минбаъдаи таҳқиқот аз тарафи муаллиф хусусияти пайдошавии шумораи лунда, вазни миёнаи 1 лунда, маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва вазни умумии биологии навъҳои картошкаро баррасӣ намуда, навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бризро ба сифати навъҳои сермаҳсул баҳогузорӣ менамояд. Минбаъд, алоқамандии унсурҳои ҳосил ва ҳосилро вобаста ба ҳамдигар баррасӣ намуда, дар байни онҳо алоқамандиҳои зиёдеро пайдо менамояд. Дар охир, касалӣ ва зарарасонҳои асосии картошкаро, ки дар минтақаи омӯзишӣ хавфи пайдо шудан доранд ва ба ҳосили картошка зиён ворид мекунанд, баррасӣ менамояд.

Ҳамин тавр, довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ Акрамов Абдуҳалим Холович дар диссертатсияи хеш як қатор масоили агроиқлимӣ, селексионӣ, морфологӣ ва физиологии навъҳои нави картошкаро дар шароити минтақаи кӯҳистон мавриди омӯзиш қарор дода, таҳқиқоти доманадорро ба сомон расонидааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Рисолаи диссертатсионӣ ба талаботҳои аттестатсионӣ мувофиқ омода шуда, таркиботи он мусбат арзёбӣ карда мешавад, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 5 банди хулоса ва 2 банди тавсия ба истеҳсолот ҷамъбаст мешавад. Дар баробари бартариятҳо дар кори диссертатсионӣ камбудҳои зерин ба назар расид:

1.Зербоби 1.1. ва 1.2. дар як мазмун таҳия гардида, аввалӣ аз 3 саҳифа ва дувумин аз 8,5 саҳифа иборат буда, имконияти дар як зербоб таҳия шуданро дошт. Дар дувумин нишондоди омории масоҳати майдон, истеҳсол ва ҳосилнокӣ дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар шакли диаграмма оварда шуда, рақамҳо ва сохтори диаграмма бо ҳам мувофиқ нест, дар матн ғалатнависиҳо, аз ҷумла «1500 намуди хурӯйи картошка», дар сурате, ки муаллиф чанд саҳифа пеш миқдори намудҳои худрӯйро ба 200 баробар медонад, «олимони тоҷик дар давоми зиёда аз 60 сол оид ба офаридани навъҳои нави картошка кори илмӣ ба роҳ мондаанд», дар сурате, ки аввалин навъи олимони ватани соли 2007 ноҳяибандӣ мегардад, ҳамчунин, набудани хулосаи худи муаллиф оид ба натиҷаи баррасӣ ва риоя нагардидани қоидаи иқтибосорӣ.

2.Зербоби 1.3. аз 5 саҳифа иборат буда, «Хусусиятҳои ботаникию биологии картошка» ном дошта, дар мавриди биологияи картошка баҳс намешавад ва баръакс хусусияти морфологии картошкаро баррасӣ менамояд.

3.Дар зербоби 2.1. муаллиф дар асоси ташхиси лабораторӣ хоки минтақаи таҳқиқотиро баҳогузорӣ намуда, қоидаҳои гирифтани намуна ва раванди ташхису баҳогузориро риоя накардааст. Масалан, аз 4 нуқтаи қитъаи таҷрибавӣ, ки масоҳати хурд аст, намунаҳои алоҳида гирифта, дар алоҳидагӣ ташхис ва дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ мекунад, ки натиҷа дар

қабати 0,0-30,0 см фарқияти гумусноки аз 1,43 то 1,86 %, муҳити хок аз 7,5 то 7,8 ва дар баробари ин миқдори элементҳои ғизоӣ зиёд тағйир ёфта, натиҷаҳоро зери шубҳа мебаранд. Ҳаминҷо, тавсияи олимони Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ-ро дар мавриди истифодаи NPK асоснок намуда, дар қадамҳои минбаъдаи таҳқиқот ин тавсияҳоро худашон риоя намекунанд.

4. Дар зербоби 2.2. ҳарорати миёна ва максималӣ шабонарӯзии моҳи августро нисбат ба моҳи июл баланд нишон медиҳад, ки шубҳанангез мебошад ва ҳамчунин, муаллиф дар ин зербоб нишондиҳандаҳои ҳароратро дар шакли 3 ҷадвал ва 3 диаграмма пешниҳод мекунад, ки имкони дар 1 ҷадвал таҷассум намудани ҳамаи онҳо ҷой дорад. Ҳаминҷо диаграммаҳои 2.2.2. ва 2.2.3. «Ҳарорати баландтарин ва минималии солонаи ҳаво» ном дошта, байни солҳои таҳқиқотӣ муқоиса мешавад, аммо дар асл диаграммаҳо ҳарорати моҳҳои август ва январи солҳои таҳқиқотиро таҷассум мекунанд.

5. Дар зербоби 2.3. усулҳои ташхиси хоку растанӣ бояд нишон дода мешуд, аммо нишон дода нашуда, аз 10 саҳифаи зербоб қариб 9 саҳифаи он шарҳи объектҳои таҳқиқотро фаро гирифта, зербоб аз тарафи муаллиф хулосагирӣ нашудааст.

6. Дар зербоби 3.1. муаллиф агротехникаи парвариши картошкаро дар шакли тавсия дар ҳаҷми 6 саҳифа нишон медиҳад, ки ҳеҷ зарурияти дар ин шакл овардан ҷой надорад, зеро он таҳқиқро дар бар намегарад. Ҳамчунин, таносуби воридкунии N : P : K риоя нагардида, ҳангоми баланд арзёбӣ кардани миқдори калий дар хок, аз ҳама бештар ҳамин элементи ғизоӣ истифода гардидааст.

7.Масоҳати сатҳи барг ҳамагӣ дар як давраи инкишофи навъҳои картошка дар 2 ҷадвалу 1 диаграмма оварда шуда, барои таҳлилкунанда маълум нест, ки ченкунӣ дар кадом давра гузаронида шудааст, ҳамин муносибат дар ташхиси дигар аломатҳои таҳқиқотӣ низ такрор мешавад. Усули муайянкунии сатҳи барг риоя нагардида, мақсади ҳисобкуниҳо маълум нест, зеро дар ин шакл ин нишондодҳо ба илм чизе дода наметавонанд.

8. Дар ҷадвали 3.5.4. вазни тарри реша дар 1 га баррасӣ мешавад, ки вобаста ба навъ ва солҳои таҳқиқот аз 3,2 то 4,3 тонна дар 1 га тағйир меёбад, ки ин нишондодҳо шубҳаовар мебошанд ва ҳамин гуна вазни тарри баргу пояи навъҳои картошка, ки дар ҷадвали 3.5.2. оварда шудааст, аз вазни ҳосили лундаҳо кам буда, минбаъд, таносуби вазни тарри баргу появу реша бо ҳосили лундаҳо дар навъи Янка ба 1:1 баробар мегардад. Ҳаминҷо муаллиф нишондодҳои ҷадвали 3.5.2. ва 3.5.4.-ро ҷамъ карда ҷадвали 3.5.5.-ро пайдо менамояд, ки онҳоро низ дар як ҷадвал таҷассум кардан мумкин буд.

9. Дар зербобҳои 3.8. ва 3.8.1. муаллиф хусусияти коррелятсионии аломатҳоро байни ҳамдигар даршакли 10 диаграмма пешниҳод намуда,

баррасӣ мекунад, ки ҳисобкуниҳо ғалат буда, коэффисиенти «**r**» аз 300 то 955 тағйир ёфта, дар таҳлил онро алоқамандии нопурра, пурра, роста ва ё баръакс баҳогузорӣ мекунад, дар сурате, ки коэффисиенти «**r**» ҳамагӣ аз +1,0 то -1,0 тағйир меёбад.

10. Боби 4 дар 2 зербоб таҳия шуда, ҳарду зербоб хусусияти тавсиявӣ доранд ва дар онҳо таҳқиқот дида намешавад.

11. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз 2 банд иборат буда, хусусияти якхелагӣ доранд. Дар банди 2 муаллиф навъҳои мавриди назари хешро ҳатто барои минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ тавсия менамояд, ки ӯ дар ин самт таҳқиқот набурдааст.

**Хулоса,** довталаб Акрамов Абдураҳим Холович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, сазовор мебошад. Диссертатсия ва автореферати тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267) мутобиқат мекунад. Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба пуррагӣ шарҳ дода шудаанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳия, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт" ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокии картошка тавассути интродуксиякунонии навъҳои нав ҳал гардидааст, ки ба талаботи банди 31 "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267), ҷавобгӯ мебошад. Умуман, мавзуъ актуалӣ буда, дар он масъалаҳои селексия, мутобиқгардонӣ ва равишҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, баррасӣ гардидааст. Биноан, кори илмии мазкур сазовори баҳои мусбат буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика,
селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович

Тел: 93-513-84-24
E – mail:**Rais-1275@mail.ru**

Имзои Ҳайдаров З.Ё.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.
03.05.2023